**Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14)**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Мубрамии мавзуи "Ташаккули асосҳои ташкилию иқтисодӣ ва молиявии системаи суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон" бо зарурати баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати кӯмаки тиббӣ ба аҳолӣ дар шароити маҳдудияти маблағгузории буҷетӣ вобаста аст. Сарфи назар азислоҳот ва сармоягузорӣ ба соҳаи тандурустӣ, Тоҷикистон бо чунин мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, аз қабили нарасидани кадрҳои баландихтисос, нобаробарии ҷуғрофӣ дар дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва ҳиссаи назарраси пардохтҳои мустақими аҳолӣ барои хизматрасониҳои тиббӣ. Татбиқи низоми самараноки суғуртаи тиббӣ, ҳам ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, қодир аст маблағгузории устувори соҳаро таъмин намояд, бори молиявиро ба шаҳрвандон коҳиш диҳад, рушди рақобатро ҳавасманд кунад ва самаранокии истифодаи захираҳоро баланд бардорад, ки ба ҳадафҳои Стратегии рушди тандурустии Тоҷикистон то соли 2030 барои расидан ба фарогирии умумии хизматрасониҳои тандурустӣ мувофиқат мекунад ва ин мавзуъро барои таъмини рушди устувор ва некӯаҳволии аҳолии кишвар калидӣ мегардонад.

Дар ҷараени ин таҳқиқот муаллиф масъалаҳои асосии ташаккули асосҳои ташкилию иқтисодӣ ва молиявии низоми суғуртаи тиббиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баррасӣ намудааст. Як қатор нишондиҳандаҳо ва мушкилоти марбутаро омӯхта ба вазъи ҷории тандурустӣ ва маблағгузории он ва дар асоси онҳо муайян намудани имконпазирии роҳи такмилдиҳӣ ва ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки суғуртаи тиббӣ. Илова бар ин, дар ин кори илмӣ ҷанбаҳои муҳим ва хатарҳои эҳтимолӣ таҳлил карда мешаванд, ки идоракунии нодурусти онҳо метавонад ба осебпазирии низоми суғуртаи тиббӣ дар давраҳои оянда оварда расонад.

Новобаста аз ин дар таҳқиқоти мазкур хуб мешуд агар унвонҷӯ ба масъалаи зерин аҳамият медод: Беҳтар мешуд агар муаллиф дар раванди

таҳияи кори худ SWOT-таҳлилро таҳия намуда, ҷанбаҳои манфӣ ва мусбиро муайян карда, пешниҳодҳои худро асоснокменамуд.

Гуфтан лозим аст, ки эроди овардашуда сифати кори илмиии муаллифро паст намезанад ва он характери тавсиявӣ доранд.

Бар зами ҳамаи гуфтаҳо автореферати Ибодов Нурали Ҳасанович дар мавзуи «Асосҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявии ташаккули низоми суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст ва муаллифи он Ибодов Нурали Ҳасанович арзандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Директори МД "Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Шарофзода Ф.Р.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Телефон: +992 98 577 79 00
Почтаи электронӣ: sharopov.farkhod@gmail.com